**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи “Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст**

Журналистикаи тоҷик дар замони Истиқлолияти давлатӣ марҳилаҳои гуногуни рушдро тай намуда, имрӯз ба як неруи муқтадири афкорсоз ва пешбарандаи ҷомеа мубаддал гаштааст. Бо мақсади таъмини пешбурди сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иттилоот айни замон дар фазои иттилоотии вилояти Хатлон беш аз 60 воситаи ахбори омма фаъолияти пурмаҳсул анҷом медиҳанд, ки нашрияҳои вилоятии “Хатлон” ва “Сафо” дар миёни онҳо мақоми хос доранд.

Таҳқиқи мавзуи **“Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)”** дар илми журналистикаи тоҷик мавзуи нав ва дорои аҳамияти хос мебошад.

Автореферати диссертатсияи Расулзода К.Б. таҳқиқоти илмии муҳаққиқро дар мавзуи ҷолиб ва барои ҷомеаи Тоҷикистон, бахусус минтақаҳои он муҳим инъикос менамояд. Ин кори илмӣ равандҳо ва механизми тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумиро тавассути воситаҳои ахбори оммаи чопӣ, махсусан нашрияҳои вилоятии “Хатлон” ва “Сафо” дар солҳои 2018-2021 таҳлил менамояд.

Мавзуъ аз ҷиҳати стратегӣ муҳим аст, зеро рушди сайёҳӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот дар заминаи матбуоти даврии маҳаллӣ имконият медиҳад, ки нақши ВАО дар ин равандҳо ба таври амиқ фаҳмида шавад. Тавре муаллиф ҳам ишора мекунад: “Рӯзномаи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо» ба ғайр аз вазифаҳои иттилоотдиҳӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ, инчунин дар муаррифии имкониятҳои сайёҳии вилояти Хатлон, мавзеъҳои таърихию ёдгорӣ, зиёратӣ, касбу

ҳунарҳои мардумӣ, масъалагузорӣ доир ба мушкилоти соҳа ва роҳҳои ҳалли онҳо вазифаи сафарбарнамоиро иҷро мекунанд".

Аз автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмии диссертант оид ба мавзуи рисола иборат буда, ба талаботи кори илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф тавонистааст, ки вазифа ва аҳамияти матбуоти маҳаллиро дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мушаххас кунад, рӯзномаи "Хатлон" ва маҷаллаи "Ҷафо"-ро ҳамчун воситаи асосии тарғибот таҳлил ва мисолҳои мушаххаси мавод ва мақолаҳоро пешниҳод намояд, ҳамчунин, воситаҳои таъсиррасонии журналистонро ба шунавандагон ва хонандагон шарҳ диҳад.

Аз нигоҳи мо, мавзуи тадқиқот нав ва муосир буда, ҷавобгӯ ба ниёзҳои ҷомеаи имрӯза аст. Асоси методологӣ ва назариявии кор устувор буда, бо истифода аз манбаъҳои илмӣ ва мисолҳои амалии нашрияҳо таҳия шудааст. Муаллиф бо истифодаи таҳлилҳои мундариҷавӣ, сифатӣ ва қиёсӣ, мавқеи матбуоти даврии маҳаллии вилояти Хатлонро дар тарғиби арзишҳои миллӣ нишон додааст.

Хулосаи кор дар 11 нуктаи боварибахш ҷамъбаст шудааст. Маводи диссертатсияро ҳангоми омӯзиши матбуоти даврии маҳаллии Тоҷикистон, таҳлили вижагиҳои мавзуӣ ва жанрии ВАО-и чопӣ, навиштани таърихи матбуоти муосири тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

Ҳарчанд дар автореферати диссертатсия дастовардҳои назаррас ба чашм мерасанд, барои такмили он пешниҳодҳои зеринро манзур месозем:

1. Дар автореферат метавонад масоили алоҳида, ба монанди таъсири рақобати ВАО-и рақамӣ ба нашрияҳои чопӣ пурратар баррасӣ шавад.

2. Таҳлили қиёсӣ бо матбуоти даврии дигар кишварҳо барои нишон додани хусусиятҳои хоси маҳаллӣ мувофиқи матлаб мебуд.

Ишораҳои боло ба ҳеҷ ваҷҳ қимати рисоларо коста намегардонанд. Автореферати пешниҳодшуда тадқиқоти муҳими илмӣ ва амалӣ мебошад. Он ба рушди минбаъдаи самти омӯзиши ВАО дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои

мардумӣ саҳми арзанда мегузорад. Диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи **“Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)”** мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф ёфта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи рӯзноманигорӣ ва тарҷумонии
Донишгоҳи давлатии Данғара Олимиён Сабрина Шамсулло

**Суроға:**
735320 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25
тел.: + 992 908878874
почтаи электронӣ: journalist2020@mail.ru

Имзои н.и.ф. Олимиён С. Ш.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

«29» 01 соли 2025